# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СТРАТЕГИЯИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

# ДУШАНБЕ - 2016

## МУҚАДДИМА

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба сифати арзиши олӣ эътироф намудааст ва онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияро муайян намуда, ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд. Моддаи 10-уми Конститутсияи ҶТ бартарии санадҳои байналмилалиро нисбат ба қонунгузории миллӣ эътироф менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти санадҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонида, барои амалишавии онҳо чораҳои дахлдор андешида истодааст.

Моҳи марти соли 2008 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард.

Дар асоси ин қонунҳо моҳи майи соли 2009 аввалин Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуд. Ҳамин тариқ, татбиқи амалии муқаррароти қонун ва фаъолияти мақомоти мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Аз ибтидои фаъолияташ мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дастгирӣ ёфт. Аз ҷумла, барои фаъолияти мақомот дар маркази пойтахт бинои маъмурӣ ҷудо карда шуд, ки дар навбати худ дастрасии аҳолиро ба ин мақомот осон гардонид. Ҳамчунин ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути ташкили вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар мусоидат карда шуд.

Дар доираи воҳидҳои кории муайяншуда барои таъмини фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва амалӣ намудани ваколатҳои ӯ Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд. Илова бар ин, санадҳои меъёрии дохилиидоравӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти Ваколатдорро ба танзим медароранд қабул карда шуда, барои фаъолияти самараноки он корҳо ба роҳ монда шуданд.

Соли 2011 Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 – аввалин санади дарозмуҳлати мақомоти навтаъсиси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва тасдиқ гардид, ки дар он самтҳои (афзалиятҳои) асосии фаъолияти мақомоти Ваколатдор барои панҷ соли минбаъда тарҳрезӣ шуданд.

Моҳи марти соли 2012 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Зеркумитаи акредитатсионии Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсози фаъолияти ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз расмиёти акредитатсия гузашта, сазовори мақоми «B» гардид ва ба он тавсияҳои дахлдор дода шуд.

Стратегияи мазкур ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқ инсон барои солҳои 2016-2020 бо дарназардошти таҳлили вазъи умумии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳодиҳии Стратегияи қаблӣ, имкониятҳои мавҷудаи мақомоти Ваколатдор таҳия гардида, барои самаранокии бештари фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

# I. МАҚСАДҲО, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## *1.1. Нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти махсусгардонидашудаи давлатӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Барои пешгирӣ ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои зеринро истифода менамояд:

– қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон;
– таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он;
– мониторинги риояи ҳуқуқи инсон, санҷиш ва тафтиши ҳолатҳои вайроншавии ҳуқуқҳои инсон;
– ҷамъбаст ва пешниҳоди тавсияҳо.

Ҳангоми баррасии муроҷиатҳо ва дар ҳолати ошкор намудани ҳолатҳои вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон:

– шикояти шаҳрвандонро мустақилона ё якҷоя бо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ месанҷад;
– барои барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншуда тавсияҳои худро ба мақомот ва шахсони мансабдори дахлдор ирсол менамояд;
– ба мақомоти дахлдор барои ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидани шахсони мансабдори давлатӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро риоя накардаанд, бо дархост муроҷиат менамояд;
– ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муайян намудани мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба ҳуқуқи инсон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост муроҷиат менамояд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчунин вобаста ба баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон ва омодагии онҳо барои ҳимояи ҳуқуқҳояшон фаъолият мебарад.

### *1.2. Мақсадҳо ва вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвият додани кафолатҳои конститутсионии ҳифзи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, таъсис дода шудааст.

Мутобиқи қонунгузорӣ вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ин мусоидат намудан ба:

- риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд;
- барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд;
- такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он;
- ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши мурочиатҳои шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;
- рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

### *1.3. Принсипҳои асосии фаъолият/арзишҳо*

**Мустақилият.** Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар доираи салоҳияти худ амал намуда, фаъолияти қонунӣ ва ташкилии худро мустақилона муайян, назорат ва идора намуда, оид ба он ҳисоботи оммавӣ медиҳад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар асос ва бо тартибе, ки қонун муқаррар намудааст, ба мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа оид ба вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маърӯза пешниҳод менамояд.

**Соҳибкасбӣ.** Кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дорои дониш ва малакаи баланди кор дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошанд. Ҳар як корманд нақши худро медонад ва муҳтавои фаъолияти худро ба ҳар як инсон расонида метавонад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он ҳангоми амалисозии фаъолияти худ беғараз буда ба дигаргуниҳои соҳаи ҳуқуқи инсон вокуниш нишон дода, барои баррасии саривақтӣ ва самараноки парвандаҳо кӯшиш намуда, принсипи махфият ва ҳимояи маълумоти шахсии мурочиаткунандагонро риоя менамоянд.

**Дастрасӣ.** Соатҳои кории қабул, забон, мавҷуд набудани боҷи давлатӣ, аз он ҷумла дастрасӣ ба бинои мақомот, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро яке аз мақомоти давлатии нисбатан дастрас барои ҳар як нафар мегардонад.

**Шаффофият.** Нафаре, ки парвандааш дар баррасии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он мебошад ба маводҳои парвандаи худ ҳуқуқи дастрасӣ дорад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи фаъолияти худ, аз ҷумла оид ба истифодаи манбаъҳои молиявии буҷетӣ тавассути ҳисоботҳо ва нашрияҳои умумӣ ва махсус, саҳифаи интернетӣ ва ВАО ҷомеаро хабардор менамояд. Фаъолияти шаффоф ҳамчунин фарогири шаффофияти дохилӣ дар сиёсати кадрӣ мебошад.

**Баробарӣ ва манъи табъиз.** Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он дар амалӣ намудани фаъолият нисбат ба ҳар як нафар муносибати якхела доранд, ки ҳар гуна табъизро аз рӯи ҷинс, забон, синну сол, қобилияти ҷисмонӣ ва равонӣ, вазъи иҷтимоӣ, ҷои истиқомат, мансубияти миллӣ, этникӣ, динӣ ва эътиқод истисно менамояд.

**Таҳкими масъулияти (ҷавобгарии) давлатӣ.** Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мақомоти назорати давлатӣ буда, вазифаи асосиаш мусоидат намудан дар амалисозии функсия ва вазифаҳои давлат дар самти иҷрои уҳдадориҳояш дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бар он мекӯшад, ки стандартҳои ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ амал кунад ва механизмҳои давлатӣ ба ҳифзи ҳуқуқи инсон равона гардад.

### *1.4. Рисолати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои ҳифзи шахсоне, ки ҳуқуқҳояшон вайрон гардидааст (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд), инчунин гуруҳҳои осебпазир дар самтҳои зерин равона шудааст:

– ҳалли шикоятҳои мушаххас нисбат ба қарор ё амали (беамалии) мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин масъалаҳои муҳокимаи одилонаи судӣ дар мурофиаҳои судӣ;
– тағйири қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавассути ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти мунтазам дошта, инчунин пешниҳоди хулосаҳо оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;

– пешгирӣ намудани вайронкунии ҳуқуқи инсон тавассути баргузории барномаҳои маърифатӣ-таълимӣ барои аҳолӣ ва кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияташро дар асоси принсипҳои мустақилият, соҳибкасбӣ, дастрасӣ, шаффофият ва баробарӣ, дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсони дигар кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ мегардонад.

## II. МУҲТАВОИ КОРИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

### *2.1. Асосҳои ҳуқуқӣ*

Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шудааст.

Барои таъмини фаъолияти босубот ва самараноки Дастгоҳи ВҲИ заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ муҳайё гардида, якчанд санадҳои дохилиидоравӣ таҳия ва қабул карда шуданд, аз ҷумла:

– Низомномаи Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 20 феврали соли 2015 №2;
– Дастурамали коргузорӣ дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 30 марти 2010 №6;
– Самтҳои асосии фаъолияти кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 18 феврали соли 2010 №3;
– Дастурамали тартиби баррасии муроҷиати шаҳрвандон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 25 январи соли 2010 №2;
– Низомномаи Шӯрои коршиносони назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 30 марти соли 2010 №5;
– Низомномаи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2010 №7.

Соли 2012 мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Зеркумитаи акредитатсионии Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсози фаъолияти ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз расмиёти акредитатсия гузашта, сазовори мақоми «B» гардид ва ба он тавсияҳои дахлдор, аз ҷумла вобаста ба такмили қонунгузорӣ, дода

шуд. Дар доираи амалисозии тавсияҳои Шӯро оид ба ҳуқуқ инсони СММ вобаста ба Шарҳи умумии даврӣ, Тоҷикистон иҷроиши тавсияҳои Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсозиро ба уҳда гирифт. Бо ин мақсад гуруҳи корӣ таъсис дода шуд, ки барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод таҳия намуд.

Тағйиротҳои пешниҳодшуда, аз ҷумла ба масъалаи таъсиси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд. Лоиҳаи мазкур пас аз қабул гардидан дар Маҷлиси намояндагон барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлис Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

### *2.2. Сохтори Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон*

Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон. Айни ҳол сохтори ташкилии Дастгоҳи ВҲИ шакл гирифтааст, ки аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи ВҲИ идора карда мешавад. Дастгоҳи ВҲИ дар асоси Низомномаи Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон амал менамояд, ки дар он самтҳои асосии фаъолияти Дастгоҳ, шуъбаҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои роҳбарони шуъбаҳо ва кормандони Дастгоҳ муайян карда шудааст.

Дар Дастгоҳи ВҲИ шуъбаҳои: ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ; ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон; шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилӣ ва бахшҳои хоҷагӣ-молиявӣ ва умумӣ ва хизмати давлатӣ таъсис дода шудаанд. Вазифаҳои асосии шуъбаҳо аз фароҳам овардани шароит барои фаъолияти пурмаҳсули Ваколатдор оид ба ҳуқуқ инсон, ки ба амалисозии ваколатҳои ӯ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва мусоидат ба барқарор намудани онҳо равона аст, иборат мебошад.

Шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилӣ ва шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон, ки бо дастгирии молиявии донорҳо таъсис ёфтаанд, ба буҷети давлатӣ гузаштанд.

Шӯрои коршиносони назди ВҲИ ҶТ. Соли 2014 Шӯрои коршиносон дар ҳайати нав таъсис дода шуд, ки ба он намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, Шӯрои адлия, вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, ҳамчунин

намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ шомил гардиданд. Фаъолияти Шӯрои коршиносонро Низомномаи Шӯрои коршиносони назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010 №5 танзим менамояд.

Қабулгоҳҳои ҷамъиятии (минбаъд - ҚҶ) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади таъмини дастрасии шаҳрвандон ба мақомоти ВҲИ, амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон барои муроҷиат ба ВҲИ новобаста аз ҷои истиқомат, инчунин мусоидат ба ВҲИ дар амалисозии ваколатҳои ӯ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис дода шудаанд. Бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ дар назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар марказҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар, аз он ҷумла дар маркази вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ВМКБ, дар шаҳрҳои Исфара, Турсунзода, Кулоб, Роғун, ноҳияҳои Қумсангир, Айнӣ, Рашт ва Қубодиён таъсис ёфтанд. Яке аз шартҳои ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ ва ВҲИ дар ин самт ин марҳила ба марҳила гузаштани қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ ба маблағгузории давлатӣ мебошад. Аз 1 январи соли 2014 маблағгузории фаъолияти 3 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар маркази вилоятҳои ВМКБ, Хатлон ва Суғд, ки дар ҳар кадомашон 2 нафарӣ корманд кор мекунанд, аз буҷети давлатӣ роҳандозӣ шуд.

### *2.3. Таъминоти молиявӣ-техникӣ*

Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар шаҳри Душанбе ҷойгир аст.

Ба ҳолати декабри соли 2015 шумораи умумии кормандони Дастгоҳи ВҲИ 36 нафарро ташкил медиҳад, ки 21 нафари онҳо хизматчиёни давлатӣ ва 15 нафари дигарашон ҳайати ёрирасон (техникӣ) мебошанд.

ВҲИ фаъолияти худро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои пешниҳоднамудаи донорҳо амалӣ менамояд. Дар соли 2015 буҷети умумии ВҲИ 1 451 633, 86 сомониро ташкил дод, ки аз он 1 114 159 сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 333 474, 86 сомонӣ (29,9% буҷети умумӣ) маблағҳои грантӣ мебошанд.

Дастгоҳи ВҲИ ҳамаи воситаҳоро барои амалӣ намудани фаъолият дорад. Ҳамаи кормандон бо компютер, ки ба шабакаи ягонаи дохилиидоравӣ ва интернет пайвастанд, инчунин дигар таҷҳизотҳои техникӣ таъминанд. Кормандон бо барномаи “Адлия” дастрасӣ доранд, ки он пайваста нав карда мешавад. Дар Дастгоҳи ВҲИ ду толори конфронсӣ мавҷуд аст, ки бо дастгоҳҳои техникии зарурӣ (баландгӯяк, ҳуҷраҳо барои тарҷумаи синхронӣ) муҷаҳҳаз гардидаанд.

Ҳамчунин ҳамаи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ бо таҷҳизоти зарурӣ (компютер, принтер, дастрасӣ ба интернет ва махзани қонунгузорӣ) таъмин карда шудаанд.

Бо мақсади таъмини бехатарӣ бинои ВҲИ бо камераҳои назорати доимӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Китобхона/китобхонаи электронӣ. Дар Дастгоҳи ВҲИ китобхонаи ҳуқуқи инсон фаъолият мекунад, ки адабиётҳояш аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази иттилоот ва ҳуҷҷатнигорӣ оид ба ҳуқуқи инсон" ҷамъоварӣ гардида ба ВҲИ супорида шудааст. Китобхона номгӯи зиёди китобҳоро фаро гирифта он пайваста аз ҳисоби китобу нашрияҳои мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилаӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ғанӣ гардонида мешевад.

Дар махзани шабакаи дохилидоравӣ ва сомонаи ВҲИ "Китобхонаи электронӣ" амал мекунад, ки дар он адабиётҳои соҳаи ҳуқуқи инсон бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ гирд оварда шудаанд. Ҳамчунин дар он бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ маҷмӯаҳои санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва бо забони русӣ китобҳо оид ба соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ мавҷуд аст.

Дар Сомонаи ВҲИ маълумоти умумӣ дар бораи фаъолияти ВҲИ, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолият, Маърӯзаҳои ВҲИ, Маърӯзаҳои миллӣ ва алтернативӣ, тавсияҳои сохторҳои СММ ва ғайраҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷой дода шудааст.

## III. САМТҲОИ АСОСИИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОЛҲОИ 2016-2020

### *3.1. Амалисозии Стратегияи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015*

Дар натиҷаи амалисозии Стратегияи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2011-2015 дастовардҳои муайян дар самтҳои асосии афзалиятноки фаъолияти ВҲИ ба даст омаданд.

Аз ҷумла, дар Дастгоҳи марказии ВҲИ 2470 мурочиатҳо баррасӣ гардидааст. Аз ҷониби Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ дар минтақаҳо бошад 8018 мурочиатҳои шаҳрвандон қабул ва баррасӣ гардидааст. Вобаста ба 51 мурочиат дар ҷояш санҷиш гузаронида шудааст.

Бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба 283 лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ хулосаҳо пешниҳод шудааст. ВҲИ ва кормандони Дастгоҳи он аъзои гуруҳҳои корӣ оид ба таҳияи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва «Дар бораи

пешгирии зӯроварӣ дар оила», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд.

Бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ ҳамкории самаранок ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба озодӣ аз шиканҷа, ҳуқуқи шахсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида 179 мониторинг гузаронида шудааст, ки аз он 24 мониторингаш дар давоми солҳои 2014-2015 аз ҷониби гуруҳи мониторингӣ, ки дар назди ВҲИ таъсис ёфтааст, амалӣ карда шуд.

Дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 18 семинар оид ба омӯзонидани онҳо бо стандартҳои байналмилалии озодии аз шиканҷа гузаронида шуд.

Бо мақсади мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон дар низоми адлияи ноболиғон, дастрасӣ ба таълим ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд зиёда аз 30 вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, кормандони соҳаи маориф гузаронида шудаанд. Дар 41 муассисаи тарбиявӣ санҷиш ва дар 8 минтақаи ҷумҳурӣ мониторинги риояи ҳуқуқҳои кӯдакон ба озодӣ аз шиканҷа дар низоми адлияи ноболиғон гузаронида шудааст. Дар асоси Ёддошти тафоҳуми сетарафа миёни ВҲИ ҶТ, Ташкилоти «Ислоҳоти байналмилалии маҳбасҳо» ва Марказ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мониторинги истифодаи зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида гузаронида шуд.

Бо мақсади мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони имконияташон маҳдуд санҷиши дастрасии онҳо ба иншоотҳои инфрасохтории чор ноҳияи шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Рӯдакию Ҳисор гузаронида шуд. Ҳамчунин дар муассисаҳои иҷтимоии шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Хуҷанд, Турсунзода ва ноҳияҳои Бохтару Ёвон 11 санҷиш гузаронида шуд.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия, ВҲИ вилоятҳои Свердловск, Самара. Оренбург, ВҲИ шаҳри Санкт-Петербург ва ВҲИ Ҷумҳурии Тотористон Созишномаҳои ҳамкорӣ баста шуданд. Ҳамчунин Намояндагии ВҲИ ҶТ дар вилояти Свердловск таъсис дода шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳуқуқҳои инсон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012 №678 Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои

2013-2020 тасдиқ гардида, амалӣ шуда истодааст. Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ ва 6 гурӯҳи корӣ оид ба самтҳои асосии Барнома таъсис дода шудааст. 17 барномаҳои мақсадноки соҳавӣ ва 4 Роҳнамои методӣ таҳия гардидааст.

Дар асоси Созишномаи басташуда байни ВҲИ бо радиоҳои «Садои Душанбе», «Тоҷикистон» ва ТВ «Ҷаҳоннамо» кормандони Дастгоҳи ВҲИ 845 маротиба дар васоити ахбори омма баромадҳо намуданд.

Бо мақсади такмили сатҳи касбият кормандони ВҲИ дар 253 семинар, тренинг ва мизҳои мудаввар иштирок намуданд.

### *3.2. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар солҳои 2016-2020*

Самтҳои афзалиятноки фаъолият дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2016-2020 бо дарназардошти таҳлили вазъи умумии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои мавҷудаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муайян гардидаанд, ки барои самаранокии бештари фаъолияти мақомоти ВҲИ дар самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд. Самтҳои афзалиятноки фаъолият ҳамдигарро пурра намуда, имконияти ҷалби ҳамаи сохторҳои Дастгоҳи ВҲИ, аз он ҷумла Шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилӣ ва Қабулгоҳҳои ҷамъияти ВҲИ-ро дар амалисозии вазифаҳои гузоштгашуда, пешбинӣ менамояд.

Айни замон, раванди таъсиси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад. Баъд аз қабули қонунгузории дахлдор дар ин самт, Стратегия алоҳида қабул карда мешавад.

Афзалиятҳои ВҲИ инҳо мебошанд.

### АФЗАЛИЯТИ 1: ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТ ДАР САМТИ ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА

Ваколатдор оид ба ҳуқуқ инсон минбаъд низ фаъолияташро барои бештар ҷалб гардидан дар самти озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон идома медиҳад. Фаъолияти ВҲИ, ки ба баррасии шикоятҳо, гузаронидани тафтиш ва санҷишҳои махсус, ҳамчунин мониторинги қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона шудааст, метавонад дар ин самт истифодаи шиканҷаро пешгирӣ намояд, ҳуқуқҳои шахсони мавриди шиканҷа қароргирифтаро ҳифз намуда, барои тағйири қонунгузорӣ тавсияҳои зарурӣ таҳия намояд. Тавсияҳои мазкур ба парламенти мамлакат, мақомоти дахлдори давлатӣ, ҳамчунин гурӯҳҳои корӣ, ки барои иҷрои Нақшаи миллии амал оид ба амалисозии тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа ва Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа таъсис дода шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

Диққати махсус ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳангоми дастгиркунӣ ва тафтишоти пешакӣ тавассути гузаронидани мониторингҳои дахлдори фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкил ва баргузории чорабиниҳои омӯзишӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, равона карда мешавад.

Дар назди ВҲИ гуруҳи корӣ оид ба мусоидат барои ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва гуруҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ таъсис дода шудааст. ВҲИ фаъолияташро дар самти баргузории мониторингҳои муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида мустақилона ва дар якҷоягӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ густариш дода, инчунин фаъолияташро дар самти мусоидат барои ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа идома медиҳад.

## АФЗАЛИЯТИ 2. НОИЛ ГАРДИДАН БА РИОЯИ ҲУҚУҚИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ

Аз соли 2014 ба қонунгузорӣ дар бораи ВҲИ як ваколатди дигар оид ба бурдани фаъолият дар самти дастрасӣ ба иттилоот, баррасӣ ва санҷиши муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, илова гардид. Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон ба ВҲИ нишон медиҳад, ки мушкилоти вайроншавии муҳлат ва тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти давлатӣ ба назар мерасад, инчунин шабакаҳои иттилоотии давлатӣ доир ба фаъолияти худ на ҳама вақт маълумоти фаврӣ ва муфассалро ҷой медиҳанд. ВҲИ дар самти баргузории мониторинги шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла таҳлили санадҳои дохилиидоравии барои истифодаи хизматӣ ва мутобиқати онҳо бо қонунгузорӣ, мониторинги самаранокии низоми қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти давлатӣ, фаъолияташро амалӣ менамояд.

## АФЗАЛИЯТИ 3. ДАСТРАСӢ БА ТАЪЛИМ

Новобаста аз кӯшишҳои Ҳукумати кишвар дар самти дастрасӣ ба таълим ва фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил дар макотиби таҳсилоти умумӣ, сифати таълим ҳамоно паст мебошад. Диққати махсусро дастрасӣ ба таълим барои гуруҳи алоҳидаи кӯдакон, ба монанди кӯдакони имконияташон маҳдуд, кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, талаб менамояд.

Фаъолияти ВҲИ ба гузаронидани мониторингҳои пайвастаи ҳуқуқи дастрасии гуруҳи алоҳидаи шахсон ба таълим, инчунин шароити таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ равона карда мешавад.

## АФЗАЛИЯТИ 4. БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ

Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи занон ва таъмини баробарии гендерӣ яке аз самти нави фаъолият дар Дастгоҳи ВҲИ мебошад. Соли 2014 самти фаъолияти Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдакон васеъ гардида, айни замон масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи занонро низ дар бар мегирад. ВҲИ ба таҳлили қонунгузорӣ ва лоиҳаҳои қонунҳои ҶТ вобаста ба ворид намудани масъалаҳои баробарии гендерӣ ва ҳассосияти гендерӣ диққати махсусро равона менамояд.

## АФЗАЛИЯТИ 5. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТҲОИ МАҲДУД

Дар фаъолияти худ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба риояи ҳуқуқҳои гуруҳҳои махсусан осебпазир, ба монанди занон, кӯдакон, шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд ва дигарон диққати махсус медиҳад. Солҳои 2014-2015 ВҲИ ба амалисозии барномаи мониторинги муҳити бемониа барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, инчунин фаъолият дар самти ба тасвиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ шурӯъ намуд. Фаъолияти ВҲИ ба пешбурди тасвиби Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ аз ҷониби ҶТ, баргузории маъракаи баланд бардоштани бохабарии аҳолӣ бо мақсади бартараф намудани таъназанӣ, инчунин имконияти қабули меъёрҳои нави муайян намудани маъюбӣ мутобиқи санадҳои байналмилалӣ равона карда мешавад.

## АФЗАЛИЯТИ 6. ҲУҚУҚҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ВА АЪЗОИ ОИЛАИ ОНҲО

Бо дарназардошти аҳамияти глобалии равандҳои муҳоҷират, зиёдшавии муҳоҷирон аз Тоҷикистон ва ба Тоҷикистон, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мебошад. Ҷиҳати мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар кишварҳо, ВҲИ бо Ваколатдорони ҳуқуқи инсони дигар кишварҳо, махсусан Федератсияи Россия ва минтақаҳои он созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида, бо ҷамъиятҳои тоҷикони ин кишварҳо ҳамкории доимиро ба роҳ монд. Моҳи сентябри соли 2015 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ дар шаҳри Екатеринбурги вилояти Свердловски ФР ба фаъолият шурӯъ намуд. ВҲИ фаъолияти мавҷударо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути қабул ва баррасии мурожиатҳои

шаҳрвандон, инчунин гузаронидани мониториги самаранокии барномаҳои мутобиқсозии муҳоҷирон дар ҶТ дастгирӣ менамояд.

## АФЗАЛИЯТИ 7. ТАЪЛИМ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

ВҲИ ташаббускори таҳия ва қабули Барномаи дуюми давлатии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020, ки 3 декабри соли 2012 қабул гардид, мебошад. Дар назди ВҲИ Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравӣ амал мекунад, ки фаъолияташ ба такмили низоми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ равона шудааст. Илова бар ин, ВҲИ мустақилона ва дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои гуруҳҳои мухталифи одамон чорабиниҳои гуногуни омӯзишӣ ва маърифатӣ доир менамояд. Фаъолияти ВҲИ ба пешбурди амалисозии барномаи давлатӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин баланд бардоштани иқтидори намояндагони мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар доираи афзалиятҳои мавзӯии интихобшуда, муттамарказ карда мешавад.

## АФЗАЛИЯТИ 8. МОНИТОРИНГИ РИОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

ВҲИ барои гузаронидани мониторинги риояи ҳуқуқи инсон ваколатҳо ва имкониятҳои қонунии васеъ дорад. Маълумотҳои дар рафти гузаронидани мониторингҳо бадастомада ва баҳодиҳӣ (таҳлили муроҷиатҳо, шикоятҳо, мониторинги қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ) имкон медиҳанд, ки нарасогиҳои асосии байни қонунгузорӣ ва амалия ошкор карда шавад, барои мақомоти давлатӣ тавсияҳои босифат таҳия гардад ва низоми самараноки назорати иҷрои уҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон тарҳрезӣ карда шавад.

| № | АФЗАЛИЯТҲО | МАҚСАДҲО |
|---|---|---|
| 1. | ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА | 1.1. Ноил гардидан ба риояи ҳуқуқи инсон дар низоми адолати судии ҷиноятӣ<br>1.2. Ноил гардидан ба тасдиқи Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа |
| 2 | ҲУҚУҚИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ | 2.1. Ноил гардидан ба таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ<br>2.2. Ноил гардидан ба мутобиқсозии санадҳои дохилидоравии мақомоти давлатӣ (дастурҳо, қоидаҳои дохилӣ ва ғ.) бо қонунгузорӣ<br>2.3. Ноил гардидан ба ташкили низоми самараноки қабул ва баррасии |

| | | |
|---|---|---|
| | | мурочиатҳои шаҳрвандон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ |
| 3 | ДАСТРАСӢ БА ТАЪЛИМ | 3.1. Ноил гардидан ба дастрасии гуруҳҳои алоҳидаи одамон: шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, кӯдаки бо қонун дар мухолифатбуда, духтарон ба таълим<br>3.2. Ноил гардидан ба шароити мусоиди таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ |
| 4 | ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД | 4.1. Ноил гардидан ба манъи табъиз нисбат ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд<br>4.2. Пешбарии тасвиби Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дорои маъюбӣ |
| 5 | БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ | 5.1. Пешбарии қонунгузорӣ вобаста ба ҳассосияти гендерӣ |
| 6 | ҲУҚУҚҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ВА АЪЗОЁНИ ОИЛАИ ОНҲО | 6.1. Таҳияи механизм ва тартиби самараноки қабули мурочиатҳои муҳоҷирон дар кишварҳои қабулкунанда<br>6.2. Мусоидат ба таҳияи барномаҳои самараноки мутобиқсозии муҳочирони меҳнатӣ дар ҶТ. |
| 7 | ТАЪЛИМ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН | 7.1. Пешбурди амалишавии барномаи давлатӣ оид ба таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон<br>7.2. Баланд бардоштани иқтидори гуруҳҳои алоҳида дар соҳаи ҳуқуқи инсон:<br>– баланд бардоштани иқтидори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, прокурорҳо, судяҳо, адвокатҳо вобаста ба масъалаҳои риояи ҳуқуқҳои инсон дар раванди амалисозии адолати судии ҷиноятӣ;<br>– баланд бардоштани иқтидори кормандони ҷойҳои маҳрумӣ ва маҳдудкунӣ аз озодӣ вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқу озодии асосии инсон;<br>– баланд бардоштани иқтидори намояндагони мақомоти давлатӣ вобаста ба масъалаҳои дастрасӣ ба иттилоот;<br>– баланд бардоштани иқтидори намояндагони мақомоти давлатӣ вобаста |

| | | |
|---|---|---|
| | | ба масъалаҳои бетабъизӣ ва таҳлили қонунгузорӣ дар самти ҳассосияти гендерӣ. |
| 8 | МОНИТОРИНГИ РИОЯИ ҲУҚУҚИ ИНСОН | 8.1. Мониторинги риояи ҳуқуқҳои инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида (ТНМ, ТТ, муассисаҳои ислоҳӣ (иҷрои ҷазо), қабулгоҳ-таҳвилгоҳҳо, қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои психиатрӣ, муассисаҳои кӯдакон, хонаҳои пиронсолон ва ғ.);<br>8.2 Мониторинги ҳуҷҷатҳои дохилии мақомоти давлатӣ ҷиҳати мутобиқати онҳо бо қонунгузорӣ;<br>8.3. Мониторинги фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба масъалаҳои самаранокии низоми қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон;<br>8.4. Мониторинги муҳити бемонеа барои шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд;<br>8.5 Мониторинги дастрасии гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба таълим;<br>8.6. Мониторинги қонунгузорӣ дар самти ҳассосияти гендерӣ |

Барои таъмини фаъолияти самараноки Дастгоҳи ВҲИ фаъолият дар самти таҳкими иқтидори институтсионалии Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо, таҳияи тавсияҳои методӣ вобаста ба шаклҳои алоҳидаи фаъолият доир ба ҳифзи манфиатҳои ҷомеа, инчунин таъминоти техникии фаъолияти мақомот идома дода мешавад.

Вобаста ба ин фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба самтҳои зерин равона мегардад:

***А) Такмил ва ҳамоҳангзозии қонунгузорӣ дар бораи ВҲИ***

- Пешбурди пешниҳодҳо вобаста ба такмили қонунгузорӣ дар бораи ВҲИ мутобиқи тавсияҳои Кумитаи байналмилалии ҳамоҳангсози фаъолияти ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон;
- Таъсиси гурӯҳи корӣ вобаста ба таҳияи лоиҳаи пешниҳодҳо оид ба ҳамоҳангии қонунгузорӣ дар бораи ВҲИ.

***Б) Таҳия ва такмили ҳуҷҷатҳои дохилии ВҲИ***

- Бозбинии Низомномаи Дастгоҳи ВҲИ, Дастур оид ба тартиби баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон ва Таснифоти ҳуқуқҳои инсон;
- Роҳнамо оид ба татбиқи стандартҳои асосии ҳуқуқи инсон дар ҳамбастагӣ бо қонунгузории дохилӣ (дар асоси васеъ ва саҳеҳ гардонидани Таснифоти ҳуқуқҳои инсон);
- Роҳнамо барои гузаронидани мониторинг ва санҷишҳо бо ташаббуси шахсии ВҲИ;
- Роҳнамо барои таҳлили қонунгузорӣ ва машваратҳо;
- Роҳнамо оид ба таҳияи маърӯзаҳои солонаи махсусгардонидашуда (мавзӯӣ).

**В) Баланд бардоштани иқтидори кормандони Дастгоҳи ВҲИ**

- Таҳияи барномаи ягона оид ба таҳкими иқтидор;
- Идома додани тренингҳои мақсаднок барои ҳайати ВҲИ, аз он ҷумла бо ҷалби намояндагони ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсони дигар кишварҳо.

**Г) Таъминоти молиявӣ-техникӣ**

Зарур аст кормандони Дастгоҳи ВҲИ бо таҷҳизоти зерин таъмин карда шаванд:

- Бо ноутбукҳо (laptops);
- Таҷҳизонидани камераҳои назоратӣ дар ҳуҷраи қабули шаҳрвандон, инчунин дар ҳар ду тарафи даромадгоҳи бинои ВҲИ;
- Ҳуҷраҳои кории кормандон ва бахши умумӣ бо ҷевонҳои оҳанин барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо таъмин карда шаванд;
- Таъмин намудани мақомоти ВҲИ бо дастгоҳҳои нусхабардории дастӣ (сканнерҳо) барои нусхабардории ҳуҷҷатҳои зарӯрӣ ва дастгоҳи аксгирӣ. Барои кормандоне, ки мониторинг ва санҷиши шароити нигоҳдории муассисаҳои алоҳидаро мегузаронанд, таҷҳизоти техникӣ барои мониторинг, аз он ҷумла дастгоҳҳои санҷидани ҳарорати бино, намнокии ҳаво ва ғайраҳо зарур аст;
- Харидории генераторҳо барои фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ.